# Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон

Тавзеҳот
оид ба самтҳои асосии сиёсати буҷети давлатии
Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020 ва дурнамои нишондиҳандаҳои
он барои солҳои 2021-2022

Душанбе 2019

## МУНДАРИҶА:


I. Самтҳои асосии сиёсати буҷети давлатӣ

II. Нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ

III. Даромади буҷети давлатӣ

IV. Сиёсати хароҷоти буҷети давлатӣ

V. Хароҷоти мақомоти ҳокимият ва идораи давлатӣ

VI. Хароҷоти фаъолияти сиёсати беруна

VII. Хароҷоти соҳаҳои иҷтимоӣ

VIII. Дастгирии рушди соҳаҳои иқтисодиёт

IX. Маблағгузориҳои асосӣ ва сиёсати сармоягузорӣ

X. Барномаҳои давлатии сармоягузорӣ

XI. Хароҷоти хизматрасонии қарзи давлатӣ

XII. Буҷети ҷумҳуриявӣ

XIII. Буҷетҳои маҳаллӣ

XIV. Касри буҷет

XV. Шарҳи мухтасари дурнамои нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ барои солҳои 2021-2022

Буҷети давлатии миёнамуҳлати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2022 дар асоси муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», кодексҳои андоз ва гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармоиши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2018, №108-ф ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 июли соли 2019, №367 «Дар бораи дурнамои нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020 – 2022» таҳия гардидааст.

Буҷети давлатӣ аз рӯи ҳамаи манбаъҳои даромад аз ҷумла: даромадҳои андозӣ ва ғайриандозӣ, грантҳо барои дастгирии буҷет, грантҳо ва қарзҳо барои амалӣ намудани лоиҳаҳои муштараки сармоягузорӣ, қарзҳои дигари давлатӣ ва маблағҳои махсуси муассисаю ташкилотҳои буҷетӣ ташаккул ёфтааст.

## I. Самтҳои асосии сиёсати буҷети давлатӣ

Ҳангоми таҳияи буҷети давлатӣ ҳадафҳои дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2018 баёнгардида, дастуру супоришҳо аз вохӯриҳояшон бо намояндагони аҳли ҷомеа ва он вазифаҳо аз рӯи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, барномаҳои миллӣ, дигар қарору фармонҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, пешниҳодҳои аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин дархостҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар доираи имкониятҳои воқеии буҷет ба инобат гирифта шудааст.

Сиёсати Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи миёнамуҳлат ба мақсади татбиқ намудани сиёсати иҷтимоию иқтисодии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, амалӣ намудани афзалиятҳои муҳими стратегӣ, аз ҷумла саноатикунонии иқтисодиёти миллӣ, ноил гардидан ба истиқлолияти энергетикӣ ва зиёд намудани иқтидори содиротӣ, тавсеаи имкониятҳои транзитии ҷумҳурӣ, таъмини бехатарии озуқаворӣ ва амнияти кишвар, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум ва рушди иқтисодиёти мамлакат равона гардида, аз самтҳои зерин иборат мебошад:

- таъмини рушди устувори нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ: афзоиши Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ тавассути рушд додани иқтисодиёт, самаранокии фаъолияти корхонаҳои саноатӣ, хоҷагиҳои кишоварзӣ,

рушди соҳаҳои энергетика, нақлиёт ва коммуникатсия, соҳаҳои хизматрасонӣ, ва дастгирии соҳибкории хурду миёна;

- такмили раванди маъмурикунонии андоз, васеъ намудани заминаи андозбандӣ, кам кардани бақияпулиҳои андозӣ ва роҳ надодан ба пайдоиши бақияпулиҳои нави андоз;
- маниторинги доимии самаранокии имтиёзҳои андозию гумрукӣ;
- суръат бахшидан ба идомаи ислоҳот дар самти идоракунии молияи давлатӣ;
- таъмини рушди устувори бозори молиявӣ (бо мақсади ҷалб намудани сармоягузориҳои ватанию хориҷӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои соҳибкории хурду миёна);
- дар сатҳи муътадил ва ба иқтисодиёт бехавф нигоҳ доштани ҳаҷми қарзи беруна ва хизматрасонии саривақтии он;
- таъмини сиёсати дохилию берунии давлатӣ, фаъолияти самараноки мақомоти иҷроияи марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ;
- таъмини амнияти миллӣ ва бехатарии кишвар.

## II. Нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ

Тайи солҳои охир сарфи назар аз равандҳои сиёсию иқтисодии ҷаҳонӣ ва таҳримҳо нисбат ба шарикони асосии тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон, рушди бонизоми иқтисоди миллӣ ва устувории нишондиҳандаҳои макроиқтисодии ҷумҳурӣ таъмин гардида истодааст.

Дурнамои даромадҳои буҷети давлатӣ аз рӯи тамоюлоти рушди соҳаҳои иқтисоди миллӣ дар солҳои охир, аз ҷумла нимсолаи якуми соли 2019 ва дигар омилҳои ба иқтисодиёти кишвар таъсиррасонанда таҳия гардида, дар он сатҳи ҷамъоварии даромадҳо ва маблағи бақияпулиҳои андозӣ ба инобат гирифта шудаанд.

Қобили тазаккур аст, ки бо амалӣ гардидани тадбирҳои ислоҳотӣ суръати рушди воқеии Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ дар соли 2018 нисбат ба соли 2017 ба андозаи 0,2 банди фоизӣ афзоиш ёфт ва тибқи дурнамо ин нишондиҳанда дар соли 2019 нисбат ба соли 2018 ба андозаи 0,3 банди фоизӣ зиёд хоҳад шуд.

Мутобиқи омори расмӣ дар нимсолаи аввали соли 2019 суръати рушди воқеии Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба 7,5 фоиз баробар гардидааст, ки он нисбат ба ҳамин давраи соли 2018 ба андозаи 0,3 банди фоизӣ зиёд мебошад.

Тамоюли мусбии нишондиҳандаи мазкур аз ҳисоби 12,5 фоиз зиёд гардидани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот дар соҳаҳои саноат, кишоварзӣ 10,8

фоиз, инчунин гардиши савдо 9,4 фоиз ва гардиши савдои хориҷӣ 3,8 фоиз, аз ҷумла воридот 2,3 фоиз ва содирот 8,1 фоиз таъмин шудааст.

Дар раванди таҳияи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2020 дурнамои нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла  Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ дар ҳаҷми 87,4 млрд. сомонӣ бо афзоиши воқеии 7,8 фоиз, индекс - дефлятори Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ дар сатҳи 3,3 фоиз ва меъёри таваррум 6,8 фоиз ҳамчун асос ба инобат гирифта шудааст.

Дар ин раванд дурнамои нишондиҳандаи гардиши савдои хориҷӣ дар ҳаҷми 4835,8 млн доллари амрикоӣ, аз ҷумла содирот 1292,5 млн доллар  ва воридот 3543,3 млн доллари амрикоӣ, бо барзиёдии воридот нисбат ба содирот дар ҳаҷми 2 250,8 млн долл ИМА (2,7 баробар зиёд) пешбинӣ гардидааст.




## III. Даромади буҷети давлатӣ

Дурнамои даромади буҷети давлатӣ дар асоси кодексҳои андоз ва гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатӣ», «Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки воридоти андозӣ ва ғайриандозиро танзим менамоянд, муайян гардида, дар он натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар дар солҳои охир ва дурнамои он барои давраи

миёнамуҳлат , инчунин тағйирёбии вазъи сиёсию иқтисодӣ дар кишварҳои шарикони асосии савдо ва дигар омилҳои ба иқтисодиёти ҷумҳурӣ таъсиррасонанда, ба инобат гирифта шудаанд.

Ҳаҷми умумии даромади Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2020 ба маблағи 26054,0 млн сомонӣ ё баробар ба 29,8 фоизи Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД) пешбинӣ гардидааст, ки нисбат ба буҷети соли 2019 ба андозаи 9,6 фоиз ё 2279,9 млн сомонӣ зиёд мебошад.

Мусаллам аст, ки ҳаҷми умумии даромади буҷети давлатӣ аз даромадҳои андозию ғайриандозӣ, маблағҳои лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ ва махсуси ташкилоту муассисаҳои буҷетӣ, инчунин грантҳо барои дастгирии буҷети давлатӣ, сарчашма мегирад ва новобаста аз афзоиши ҳаҷми умумии даромади Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020, таносуби он ба ММД ба андозаи 0,6 фоиз коҳиш ёфтааст. Омили асосии чунин ташаккул ёфтани нишондиҳандаи болозикр ин нисбат ба ММД 0,2 банди фоизӣ коҳиш ёфтани нишондиҳандаи ҷалби маблағи лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ ва 0,5 банди фоизӣ кам гардидани даромадҳои ҷорӣ (аз ҳисоби пешниҳоди имтиёзҳои андозию гумрукӣ) ба ҳисоб меравад.




Даромадҳои андозию ғайриандозии буҷети давлатӣ бо дарназардошти грантҳо барои дастгирии буҷет дар соли 2020 ба маблағи 19500 млн сомонӣ пешбинӣ карда шудааст, ки он нисбат ба буҷети соли 2019 ба маблағи 1700,0 млн сомонӣ ё 9,6 фоиз зиёд мебошад. Сохтори таркибии даромади ҷории буҷети давлатӣ аз рӯи сарчашмаҳо дар диаграммаи зерин оварда шудааст:




Ҳиссаи даромадҳои дохилӣ (Кумитаи андоз, вазоратҳои молия, корҳои дохилӣ) дар ҳаҷми умумии даромади ҷории буҷети давлатӣ бе назардошти грантҳо барои дастгирии буҷет барои соли 2020 71,2 фоизи даромади буҷетӣ ё 13669 млн сомониро ташкил дода, нисбат ба соли 2019 ба андозаи 10,6 фоиз зиёд мебошад.

Ҳиссаи пардохтҳои гумрукӣ (Хадамоти гумрук) дар ҳаҷми умумии даромадҳои ҷории буҷети давлатӣ барои соли 2020-ум 28,8 фоиз ё маблағи 5531,0 млн сомониро ташкил медиҳад ва афзоиши он нисбат ба соли 2019-ум ба маблағи 386,0 млн. сомонӣ пешбинӣ шудааст.

Ташаккули ҳаҷми даромадҳои андозию ғайриандозии буҷети давлатӣ барои соли 2020 аз рӯи манбаъҳои андозбандӣ бо тариқи зайл тарҳрезӣ шудааст:

- воридоти андоз аз даромади шахсони воқеӣ дар асоси муқаррароти Кодекси андоз, иҷрои воқеии нишондиҳандаи мазкур дар солҳои гузашта, баҳодиҳии воридоти маблағ дар соли 2019, нишондиҳандаи ҳисоби миёнаи музди меҳнат ва даромад дар манбаи пардохт ва афзоиши фонди музди меҳнат дар ҳаҷми 2231,1 млн. сомонӣ бо афзоиши 230,4 млн. сомонӣ пешбинӣ шудааст. Вазни қиёсии ин нишондиҳанда нисбат ба ММД 2,6 фоиз ва даромадҳои ҷории буҷети давлатӣ 11,6 фоизро ташкил медиҳад;
- андоз аз фоида, дар асоси рушди нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодии ҷумҳурӣ, баҳодиҳии воридоти ин намуди андоз ва маълумоти таҳлилии чанд соли охир дар ҳаҷми 2001,8 млн. сомонӣ ё бо афзоиши 13,1 фоиз пешбинӣ шудааст. Вазни қиёсии ин нишондиҳанда нисбат ба ММД 2,3 фоизро ташкил медиҳад;
- андози иҷтимоӣ, аз ҳисоби корхонаҳои ғайрибуҷетӣ мувофиқи талаботи Кодекси андоз бо дарназардошти иҷрои воқеии солҳои гузашта ва баҳодиҳии воридот дар соли 2019, инчунин афзоиши манбаъҳои

андозбандишаванда дар ҳаҷми 1951,0 млн сомонӣ пешбинӣ шудааст. Воридоти андози иҷтимоӣ аз ҳисоби корхонаҳои ғайрибучетӣ нисбат ба соли 2019 -ум ба андозаи 7,8 фоиз ё 141,0 млн. сомонӣ зиёд баҳодиҳӣ гардидааст;

- андоз аз арзиши иловашудаи дохилӣ, дар асоси амалиётҳои андозбандишаванда, таҳвили молҳо, иҷрои корҳо ва хизматрасониҳо (ба истиснои таҳвили молҳо, иҷрои корҳо ва хизматрасониҳои аз ААИ озод) дар ҳаҷми 3077,5 млн. сомонӣ ба нақша гирифта шудааст, ки нисбат ба соли 2019 ба андозаи 5,5 фоиз ё 160,3 млн. сомонӣ зиёд мебошад. Вазни қиёсии ин намуди андоз нисбат ба ММД 3,5 фоизро ташкил менамояд ва он дар муқоиса ба ҳамин нишондиҳандаи соли 2019 ба андозаи 0,2 банди фоиз кам пешбинӣ шудааст;
- воридоти андози аксизи дохилӣ ба маҳсулоти дар дохили ҷумҳурӣ истеҳсол ва фурӯхташаванда дар асоси арзиши молҳои аксизии фурӯхташудаи зераксизӣ, ки номгӯи онҳо дар Кодекси андоз муқаррар шудааст, бо назардошти хизматрасониҳои соҳаи алоқаи барқӣ ба маблағи 213,2 млн сомонӣ пешбинӣ гардидааст ва он нисбат ба соли 2019 ба андозаи 4,0 фоиз ё ба маблағи 8,2 млн. сомонӣ зиёд мебошад;
- андоз аз маҳсулоти коркард ба маблағи 11,2 млн сомонӣ аз рӯи истеҳсоли алюминияи аввалия (172,3 ҳаз тонн) бо меъёри 65 сомонӣ ва андоз аз фурӯши алюминии аввалия аз рӯи истеҳсоли 3,3 ҳазор тонна бо нархи миёнаи 2100,0 доллари амрикоӣ ба 1 тонна бо меъёри 3 фоиз ба маблағи 2,1 млн сомонӣ пешбинӣ гардидааст;
- андозҳо барои захираҳои табиӣ, аз ҳисоби сарватҳои зеризаминӣ, ки дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон истихроҷ карда мешаванд дар ҳаҷми 825,3 млн. сомонӣ, аз ҷумла аз ҳисоби роялтӣ барои об 70,7 млн. сомонӣ пешбинӣ шудааст. Афзоиши воридоти ин намуди андоз нисбат ба нақшаи буҷети соли 2019 ба андозаи 26,2 фоиз зиёд ба нақша гирифта шудааст;
- андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард, аз ҳисоби маблағи хароҷоти воқеии дар давраи ҳисоботи андоз барои мол, иҷрои кор ва хизматрасониҳо дар ҳаҷми 556,9 млн сомонӣ пешбинӣ гардидааст, ки нисбат ба соли 2019 ба маблағи 104,6 млн сомонӣ ё 23,1 фоиз зиёд буда, вазни қиёсии он дар ММД 0,6 фоизро ташкил медиҳад;
- андоз аз воситаҳои нақлиёт, ки аз рӯи иқтидори муҳаррики воситаи нақлиёт, бо фоиз нисбат ба нишондиҳанда барои ҳисобҳо муайян карда мешавад, дар ҳаҷми 226,4 млн сомонӣ пешбинӣ гардидааст;
- низомҳои махсуси андозбандӣ, тибқи муқаррароти Кодекси андоз дар асоси маълумоти мақомоти ваколатдор, воридоти воқеии солҳои

гузашта ва баҳодиҳии соли 2019 дар ҳаҷми 807,0 млн. сомонӣ бо афзоиши 13,1 фоиз муайян карда шудааст ва ҳиссаи он дар ММД 0,9 фоизро ташкил менамояд;

➢ пардохтҳои гумрукӣ дар асоси дурнамои нишондиҳандандаҳои асосии макроиқтисодӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 июли соли 2019, №367 “Дар бораи дурнамои нишондиҳанадаҳои асосии макроиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020 – 2022” тасдиқ гардидаанд, дар ҳаҷми 5531,0 млн сомонӣ бо афзоиши 7,5 фоиз пешбинӣ карда шудааст. Воридот аз ҳисоби пардохтҳои гумрукӣ нисбат ба нақшаи тасдиқшудаи соли 2019 ба маблағи 386,0 млн сомонӣ зиёд буда, вазни қиёсии он дар ММД 6,3 фоиз ва нисбат ба даромадҳои ҷории буҷети давлатӣ 28,8 фоизро ташкил менамояд;

➢ воридоти андозҳо аз ҳисоби фаъолияти беруна, аз ҷумла андоз аз арзиши иловашуда ба маблағи 4244,5 млн. сомонӣ, аксизҳо аз молҳои зериаксизии воридшаванда 402,2 млн. сомонӣ ва боҷҳои гумрукӣ ба маблағи 781,0 млн сомонӣ (аз он ҷумла боҷи содироти барои нахи пахта 128,5 млн сомонӣ) пешбинӣ карда шудааст. Воридоти ин намуди андозҳо нисбат ба соли 2019 мутаносибан ба андозаи 9,0 фоиз, 35,5 фоиз зиёд ва 11,3 фоиз кам ба нақша гирифта шудааст;

➢ даромадҳои ғайриандозӣ дар асоси муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет” ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки дар асоси онҳо пардохтҳо ҳисоб ва ба буҷет ворид карда мешаванд, инчунин воридоти воқеии солҳои қаблӣ ба маблағи 1288,0 млн. сомонӣ пешбинӣ шудааст. Афзоиши ин нишондиҳанда нисбат ба соли 2019 -ум 105,7 млн. сомониро ташкил дода, ҳиссаи он дар ММД 1,5 фоиз ва даромади ҷории буҷети давлатӣ 8,9 фоизро ташкил хоҳад дод.



## IV. Сиёсати хароҷоти буҷети давлатӣ

Сиёсати хароҷоти буҷети давлатӣ барои соли 2020 бо мақсади таъмини рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар , баланд бардоштани сатҳу сифати некӯаҳволии мардум, таъмини бехатарии давлат ва бехатарии озуқаворӣ, таҳкими сатҳ ва сифати таълиму хизматрасонӣ ва таъмини рушди дигар соҳаҳои иқтисоди миллӣ равона карда мешаванд.

Ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатӣ барои соли 2020 аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳои маблағгузорӣ ба маблағи 26403,5 млн сомонӣ ба нақша гирифта шудааст, ки нисбат ба Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ 30,2 фоизро ташкил дода, нисбати буҷети соли 2019 ба маблағи 2238,3 млн сомонӣ зиёд мебошад.




Дар сохтори ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатӣ барои соли 2020 хароҷот аз ҳисоби даромади ҷории буҷети давлатӣ дар ҳаҷми 19971,7 млн. сомонӣ ба нақша гирифта шудааст, ки нисбати буҷети соли 2019 ба маблағи 1672,6 млн. сомонӣ зиёд мебошад.




Фонди музди меҳнат дар ҳаҷми 5,3 млрд. сомонӣ бо афзоиши 8,7 фоиз пешбинӣ гардида, ба 6,1 фоизи Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ баробар буда, нисбат ба буҷети соли 2019 ба андозаи 0,2 банди фоиз кам мебошад.




## V. Харочоти мақомоти ҳокимият ва идораи давлатӣ

Дар лоиҳаи буҷети давлатии соли 2020 барои маблағгузории соҳаи ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ 1395,9 млн сомонӣ, аз ҷумла аз ҳисоби сарчашмаҳои буҷетӣ

1105,0 млн сомонӣ, маблағҳои махсус 212,2 млн. сомонӣ ва Барномаи сармоягузориҳои давлатӣ 78,7 млн сомонӣ пешбинӣ гардидааст, ки нисбат ба буҷети тасдиқшудаи соли 2019 ба маблағи 72,4 млн сомонӣ ва ё 5,5 фоиз зиёд мебошад.

Дар лоиҳаи буҷет нисбат ба соли 2019 аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ бо назардошти барӯйхатгирии аҳолӣ ва болоравии нархи молу хизматрасониҳо 76,2 млн. сомонӣ, маблағҳои махсус 52,6 млн. сомонӣ зиёд ва барои лоиҳаҳои сармоягузорӣ бинобар сабаби ба анҷом расидани татбиқи баъзе лоиҳаҳо 56,4 млн. сомонӣ кам ба нақша гирифта шудааст.




Барои хароҷоти сафарҳои хизматии хориҷӣ ва фрахти ҳавопаймо мутаносибан 13,0 млн. сомонӣ ва 12,5 млн. сомонӣ, маҷмӯан 25,5 млн. сомонӣ пешбинӣ шудааст, ки нисбат ба соли 2019 ба маблағи 500,0 ҳазор сомонӣ зиёд ба инобат гирифта шудааст.

Инчунин дар лоиҳаи буҷети соли 2020 маблағҳои захиравии мақомоти ҳокимият ва идораи давлатӣ дар сатҳи соли 2019 ба маблағи 6,5 млн. сомонӣ пешбинӣ шудааст.

Дурнамои маблағҳои махсуси мақомоти давлатӣ 212,2 млн. сомонӣ пешбинӣ гардида, нисбат ба нақшаи тасдиқшудаи соли 2019 ба маблағи 52,6 млн сомонӣ ё 33,0 фоиз зиёд мебошад.

## VI. Хароҷоти фаъолияти сиёсати беруна

Дар лоиҳаи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2020 хароҷоти умумии фаъолияти сиёсати беруна маблағи 249,0 млн. сомониро ташкил медиҳад, ки нисбат ба буҷети тасдиқгардидаи соли 2019 дар ҳаҷми

4,3 млн. сомонӣ, ё ин ки 2 фоиз зиёд ба нақша гирифта шудааст, аз ҷумла хароҷот барои:

## VII. Хароҷоти соҳаҳои иҷтимоӣ

Сиёсати иҷтимоии буҷети давлатӣ барои соли 2020 асосан барои таъмини пурраи ухдадориҳои давлат дар самти ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ, аз ҷумла зиёд намудани музди меҳнати кормандони муассисаю ташкилотҳои буҷетӣ, нафақа, пардохтҳои идрорпулӣ, ҷубронпулӣ, кумакпулии иҷтимоӣ ва таҳкими заминаи моддию техникии муассисаю ташкилотҳои соҳаҳои иҷтимоӣ таъмини барномаҳо ва идомаи ислоҳоти соҳаҳо равона карда мешавад.

Ҳаҷми умумии хароҷоти соҳаҳои иҷтимоӣ ба маблағи 11730,3 млн. сомонӣ пешбинӣ шудааст ва афзоиши он нисбат ба буҷети соли 2019-ум 1146,3 млн. сомонӣ ё 44,4 фоизи ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатиро ташкил медиҳад.

Барои маблағгузории соҳаҳои иҷтимоӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ 9913,0 млн. сомонӣ пешбинӣ карда шудааст, ки он ба 49,6 фоизи ҳаҷми умумии хароҷоти маблағҳои буҷетӣ баробар мебошад.

Дар ҳаҷми умумии хароҷоти соҳаҳои иҷтимоӣ маблағҳои махсус 1346,0 млн. сомонӣ ва маблағҳои грантию қарзӣ 471,3 млн. сомониро ташкил медиҳад.




### Соҳаи маориф

Дар ҷумҳурӣ муассисаҳои таълимии томактабӣ, таҳсилоти умумӣ (мактабҳои ибтидоӣ, асосӣ, миёнаи умумӣ), таҳсилоти ибтидоии касбӣ,

миёнаи касбӣ, олии касбӣ, таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ, таҳсилоти иловагӣ, махсус ва муассисаҳои таълимии дигаре, ки раванди таълиму тарбияро амалӣ мегардонанд, фаъолият менамоянд.

Дар буҷети давлатӣ барои соли 2020 ҳаҷми умумии хароҷоти соҳаи маориф ба маблағи 5004,7 млн. сомонӣ ба нақша гирифта шудааст, ки ин нисбат ба соли 2019 –ум 599,9 млн. сомонӣ ё ин, ки 13,6 фоиз афзоиш ёфта, 19,0 фоизи ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатӣ ва 5,7 фоизи Маҷмӯи маҳсулоти дохилиро ташкил медиҳад.




Дар ҳаҷми умумии маблағҳои пешбинишуда маблағҳои махсуси муассисаҳои таълимӣ 896,7 млн. сомонӣ ва маблағҳои грантӣ ва қарзӣ 375,5 млн. сомонӣ буда, афзоиши он мутаносибан 21,4 фоиз ва 1 баробарро ташкил медиҳад.

Буҷети соҳаи маориф дар соли 2020, аз рӯи афзалиятҳои соҳа, яъне рушди таҳсилоти томактабӣ ва рафти ислоҳоти маблағгузории он, рушди низоми такмили ихтисос, муҷаҳҳазгардонии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бо таҷҳизоту лавозимоти таълимӣ таҳия гардида, барои баланд бардоштани сатҳу сифати таълиму тарбия дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот ва омода намудани шароити мусоид барои таҳсил мусоидат хоҳад намуд, аз ҷумла барои нигоҳдории:

| Зинаҳои таҳсилот | Шумораи муассисаҳо (адад) | Шумораи кӯдакон, хонандагон, донишҷӯён (нафар) | Шумораи кормандон, омӯзгорон, мураббиён (нафар) | Маблағҳои равонагардида ба ин самт (млн сомонӣ) | Афзоиш нисбати соли 2019 (%) |
|---|---|---|---|---|---|
| **Таҳсилоти томактабӣ** | 514 | 82335 | 16055 | 299,2 | 12,0 |
| **Таҳсилоти умумӣ** | 3757 | 1832920 | 217734 | 2838,6 | 9,3 |
| **Таҳсилоти ибтидоии касбӣ** | 60 | 20676 | 4126 | 75,5 | 10,2 |
| **Таҳсилоти миёнаи касбӣ** | 57 | 41374 | 3473 | 222,4 | 25,7 |
| **Таҳсилоти олии касбӣ** | 32 | 169230 | 18466 | 781,5 | 9,1 |
| **Муассисаҳои дигар** | 570 | | 11281 | 787,4 | 35,3 |
| **Ҳамагӣ:** | 4990 | 2146535 | 271135 | 5004,6 | 13,6 |

Дар баробари ин, дар соли 2020 барои:

–додани қарзҳои имтиёзнок бо мақсади баланд бардоштани ҳифзи иҷтимоии мутахассисони ҷавон 2,0 млн сомонӣ;

–чопи китобҳои дарсӣ 41,3 млн сомонӣ;

– омода намудани мутахассисони баландихтисос дар хориҷи кишвар аз ҳисоби Фонди махсуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – 8,5 млн сомонӣ пешбинӣ гардидааст.

Барои истифодаи босамар ва мақсадноки маблағҳои буҷетӣ, меъёрҳои хадди ақалии маблағгузорӣ ба сари ҳар як хонанда ва ҳар як мактаб бо дарназардошти афзоиши хонандагон зиёд гардид. Барои ин мақсад, дар буҷети давлатии соли 2020 маблағи 2492,8 млн. сомонӣ пешбинӣ гардидааст, он нисбат ба маблағи соли 2019-ум 105,9 млн. сомонӣ ё 5,9 фоиз зиёд мебошад.

Ҳамзамон бояд қайд намуд, тибқи қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 августи соли 2019, №418 Муассисаи давлатии таълимии "Литсейи касбии техникии ноҳияи Данғара", аз 2 майи соли 2019, №229 Муассисаи давлатии таълимии "Коллеҷи тиббии Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон дар ноҳияи Данғара" ва Муассисаи давлатии таълимии "Коллеҷи тиббии Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон дар деҳоти Кангурти ноҳияи Темурмалик" ва аз 2 июли соли 2015, № 425 Муассисаи давлатии «Маркази ёрии ҳуқуқӣ» таъсис дода шудаанд ва дар лоиҳаи

буҷети соли 2020 барои нигоҳдорию фаъолияти ин муассисаҳо низ маблағҳои зарурӣ пешбинӣ карда шудааст.

Дар маҷмуъ дар буҷети давлатӣ барои соли 2020 аз ҳисоби маблағҳои асосии мутамарказ ҷиҳати сохтмони бино ва иншоотҳои соҳа 380,0 млн. сомонӣ пешбинӣ карда шудааст.

Дар доираи маблағҳои пешбинишудаи буҷети соҳа иҷрои барномаҳои соҳавии бо қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқгардида, аз ҷумла Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020, Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015 – 2020, Барномаи давлатии тайёр намудани мутахассисони дорои таҳсилоти олии касбӣ барои солҳои 2016 – 2020, Барномаи рушди таълими калонсолони Тоҷикистон барои солҳои 2016 – 2020, Барномаи давлатии дарёфт ва рушди истеъдодҳо барои солҳои 2015 – 2020, "Барномаи давлатии рушди таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025" ва дигар барномаҳо ба инобат гирифта шудааст.

## Соҳаи тандурустӣ

Соҳаи тандурустӣ яке самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлат мансуб ёфта, хароҷоти соҳа барои соли 2020 аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳои маблағгузорӣ дар ҳаҷми 1841,3 млн. сомониро ташкил медиҳад, ки нисбат ба буҷети соли 2019 – 100,8 млн. сомонӣ ё 5,8 фоиз зиёд буда, 7,0 фоизи ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатӣ ва 2,1 фоизи Маҷмӯи маҳсулоти дохилиро ташкил медиҳад. Ҳаҷми умумии хароҷоти соҳа нисбат ба ММД ба андозаи 0,1 банди фоиз коҳиш ёфта, аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ дар як сатҳ нигоҳ дошта шудааст.



Бевосита барои нигоҳдорӣ ва фаъолияти 430 беморхона бо теъдоди 60322 воҳиди корӣ 905,2 млн. сомонӣ, барои 2602 маркази саломатӣ бо теъдоди 40449 воҳиди корӣ 560,5 млн. сомонӣ, барои 317 муассисаи ҳифзи сиҳатии аҳолӣ бо теъдоди 8464 воҳиди корӣ 167,1 млн. сомонӣ ва 32 муассисаи дигари соҳаи тандурустӣ бо теъдоди 1306 воҳиди корӣ 212,1 млн. сомонӣ пешбинӣ карда шудааст.

Дар буҷети давлатӣ барои соли 2020 барои пардохти музди меҳнати кормандони соҳаи тандурустӣ 1090,1 млн. сомонӣ бо афзоиши 49,8 млн. сомонӣ ва маблағҳои махсус 261,7 млн. сомонӣ бо афзоиши 14,5 млн. сомонӣ ба нақша гирифта шудааст.

Бо мақсади таъмини афзалиятҳои аввалиндараҷаи соҳа, аз ҷумла эмгузаронии аҳолӣ харидории ваксинаҳо ба маблағи 17,0 млн. сомонӣ, хариди инсулин барои таъмини беморони гирифтори касалии диабети қанд 4,1 млн. сомонӣ, барои таъмини марказҳои хун бо халтачаҳои хунгирӣ ва реактивҳо 7,0 млн. сомонӣ, бо маводҳои иммуносупресантӣ таъмини беморони пайвандсозии гурда 3,5 млн. сомонӣ, харидории доруворӣ барои беморони сил 3,6 млн. сомонӣ, барои пешгирӣ аз бемории ВИЧ/СПИД ва харидани маводи ташхисӣ (тестҳо) 2,5 млн. сомонӣ, бемории гепатит 600,0 ҳазор сомонӣ, барои муолиҷаи бемории саратон (кимиёдармонӣ) 800,0 ҳазор сомонӣ барои маводҳои контрасептивӣ 900,0 ҳазор сомонӣ ва барои гузаронидани ҷароҳии кӯдакони дорои нуқсони модарзодии дил 400,0 ҳазор сомонӣ пешбинӣ карда шудааст.

Ҳамзамон бояд қайд намуд, ки дар лоиҳа барои пардохти хизматрасонии Корхонаи давлатии “Заводи протезию ортопедӣ” ва хариди таҷҳизот ба маъюбон 5538 ҳазор сомонӣ ва аз ҳисоби маблағҳои асосии мутамарказ барои сохтмони бино ва иншоотҳои таъиноти тиббӣ 53,1 млн. сомонӣ пешбинӣ гардидааст. .

Аз ҳаҷми умумии маблағҳои пешбинишуда, маблағҳои махсуси муассисаҳои тиббӣ 261,7 млн. сомониро ташкил менамояд, ки воридоти он аз ҳисоби иҷрои Барномаи кафолатҳои давлатӣ оид ба таъмини аҳолии ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кӯмаки тиббию санитарӣ ва дар доираи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 декабри соли 2008, №600 «Дар бораи Тартиби хизматрасонии тиббию санитарӣ ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои системаи давлатии тандурустӣ» ба нақша гирифта шудааст.

Дар доираи татбиқи лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ азхудунии 28,6 млн. сомонӣ ба нақша гирифта шудааст.

Қайд намудан ба маврид аст, ки тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2015, таҳти № 827 дар соли 2020

маблағгузории сарикасӣ дар тамоми муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ ҷорӣ карда шудааст, ки мақсади асосии он ин аз руи меъёрҳои тасдиқгардида баробар ва боадолатона тақсим намудани маблағ ба ҳар сари аҳолӣ мебошад.

## Соҳаи суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ

Буҷети соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ дар соли 2020 аз рӯи афзалиятҳои соҳа, яъне таҷдиди институтсионалӣ ва маъмурии низоми ҳифзи иҷтимоӣ, хусусан дар сатҳи маҳал, ислоҳот дар раванди дастгирии кумакҳои унвонии иҷтимоӣ, таҳкими заминаи моддию техникии муассисаҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва ислоҳот дар соҳаи нафақа таҳия гардида, ҷиҳати баланд бардоштани сифати некӯаҳволӣ ва таъмини пурраи уҳдадориҳои давлат дар самти ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, пардохти музди меҳнат, нафақа, ҷубронпулиҳо ва дигар кумакпулиҳои иҷтимоӣ равона мегардад.




Ҳаҷми умумии хароҷоти соҳаи суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ барои соли 2020 ба маблағи 3911,6 млн. сомонӣ пешбинӣ гардида, нисбат ба буҷети соли 2019 ба маблағи 233,7 млн. сомонӣ ё 6,4 фоиз афзоиш ёфта, 14,8 фоизи ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатӣ ва 4,5 фоизи Маҷмӯи маҳсулоти дохилиро ташкил медиҳад.

Дар ин робита, танҳо аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ ҷиҳати нигаҳдорӣ ва фаъолияти муассисаҳои ҳифзи иҷтимоӣ барои кӯдакон, калонсолон, пиронсолон, маъюбон, санаторияю профилакторияҳо ва дигар муассисаҳои ёрирасон 88,9 млн. сомонӣ, татбиқи қарори Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷорӣ намудани низоми таҷрибавии дастгирии унвонии иҷтимоӣ дар шаҳру ноҳияҳои таҷрибавӣ» барои расонидани кумакҳои унвонии иҷтимоӣ ба оилаҳои камбизоат 86,3 млн. сомонӣ ва иловапулӣ ба нафақаи иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945 ва шахсони ба онҳо баробар карда шуда маблағи 0,5 млн. сомонӣ, пешбинӣ карда шудааст.

Ҳамзамон ҷиҳати иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ" ба шаҳрвандони аз хизмати ҳарбӣ ва аз муассисаҳои иҷрои ҷазои ҷиноӣ озод шудаанд, инчунин ба шаҳрвандоне, ки собиқаи кории аз 18 моҳ камтар дошта, ҳамчун бекор ба қайд гирифта шудаанд барои пардохти кӯмакпулӣ 6,8 млн. сомонӣ пешбинӣ карда шудааст, ки кумапулии мазкур то соли 2020 аз ҳисоби буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа пардохт карда мешуд.

Инчунин, бо мақсади иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 майи соли 2010, №232 ба кудакони маъюби то сини 16-солаи гирифтори бемории вируси норасоии масунияти одам 4,9 млн. сомонӣ кумакпулиҳо пешбинӣ карда шудааст.

Бо мақсади пешниҳоди хизматрасониҳои иҷтимоӣ барои пиронсолон ва кӯдакони маъюб барои марказҳои будубоши рӯзона 8,9 млн. сомонӣ, бо мақсади пардохти ҷубронпулӣ ва кумакпулиҳо тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии шаҳрвандоне, ки бар асари фалокати неругоҳи барқи атомии Чернобил зарар дидаанд» 12,9 млн. сомонӣ ва ҷудо намудани қарзи имтиёзнок ва ёрии яквақтаина ба хоҷагиҳое, ки аз ҷойҳои хавфнок ва хоҷагиҳое, ки ихтиёрӣ кӯчонида мешаванд 6,2 млн. сомонӣ ба нақша гирифта шудааст.

Дар буҷети давлатӣ барои соли 2020 барои пардохти музди меҳнати кормандони соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ 66,0 млн. сомонӣ ва маблағҷудокуниҳо барои эҳтиёҷоти иҷтимоӣ 16,5 млн. сомонӣ ба пешбинӣ шудааст.

Буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа аз рӯи даромад ба маблағи 3218,7 млн. сомонӣ, аз он ҷумла даромадҳо аз ҳисоби андози иҷтимоии муассисаҳои буҷетӣ 1202,7 млн. сомонӣ ва аз ҳисоби муассисаҳои ғайрибуҷетӣ 1951,0 млн. сомонӣ ба нақша гирифта шудааст. Инчунин дар буҷети ҷумҳуриявӣ маблағи 65,0 млн. сомонӣ субвенсия пешбинӣ гардидааст, ки дар сурати норасоигии даромади буҷетӣ суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа барои пардохти нафақаҳои иҷтимоӣ равона карда мешавад.

Хароҷоти буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа 3218,7 млн. сомонӣ ба нақша гирифта шудааст, ки аз ин барои пардохти нафақаҳо 2955,7 млн. сомонӣ, барои иҷрои Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолӣ 11,6 млн. сомонӣ, ташкили истироҳати тобистонаи кудакон ва наврасон, ки

ба ҳиссаҷудокунии 1,4 фоиз дастраси надоранд 3,5 млн. сомонӣ ва дигар намуди кӯмакпулиҳо ва нигоҳдории Агентии давлатии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа 247,9 млн. сомонӣ равона мегардад.

## Соҳаи фарҳанг ва варзиш

Дар буҷети давлатӣ барои соли 2020 ҳаҷми умумии хароҷоти соҳаи фарҳанг ва варзиш ба маблағи 972,6 млн. сомонӣ пешбинӣ карда шудааст, ки ин нисбат ба соли 2019-ум 211,9 млн. сомонӣ ё ин ки 27,9 фоиз афзоиш ёфта, 3,6 фоизи ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатӣ ва тақрибан 1,1 фоизи Маҷмӯи маҳсулоти дохилиро ташкил медиҳад.




Дар ҳаҷми умумии маблағҳои пешинишуда, маблағҳои махсуси муассисаҳои соҳаи фарҳанг 31,9 млн. сомониро ташкил медиҳад, ки ин нисбати соли 2019 ба маблағи 1,8 млн. сомонӣ зиёд мебошад.

Буҷети соҳаи фарҳанг ва варзиш барои рушди муассисаҳои фарҳангӣ, аз ҷумла китобхонаҳо, осорхонаҳо, театрҳо, ансамблҳо, маҷмааҳои давлатӣ, телевизионҳо, матбуоти даврӣ, нашриётҳо ва дигар муассисаҳое, ки гузаронидани чорабиниҳои умумиҷумҳуриявиро амалӣ мегардонад, равона карда шудааст.

Маблағгузории муассисаҳои соҳаи фарҳанг барои соли 2020 дар ҷадвали зер нишон дода шудааст:

| Номгӯи муассисаҳо | Шумораи муассисаҳо (адад) | Шумораи кормандон, (на фар) | Маблағҳои равонагардида ба ин самт (млн сомонӣ) | Афзоиш нисбати соли 2019 (%) |
|---|---|---|---|---|
| **Китобхонаҳо** | 1369 | 3415,5 | 51,7 | 2,2 |
| **Осорхонаҳо ва намоишгоҳҳо** | 74 | 904 | 22,5 | 22,3 |
| **Телевизион ва радиошунавонӣ** | 20 | 1 697,5 | 132,0 | 6,8 |
| **Матбуоти даврӣ ва нашриёт** | 91 | 598 | 26,8 | 10,6 |
| **Муассисаҳои дигар** | 1111 | 7300 | 670,2 | 37,1 |
| **Ҳамагӣ:** | 2665 | 13918 | 903,2 | 27,9 |

Дар доираи маблағҳои пешбинишудаи буҷети соҳа маблағгузории барномаҳои соҳавӣ, аз ҷумла Барномаи давлатии рушди муассисаҳои соҳаи фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016 – 2020, Барномаи ҳифзи мероси фарҳангии ғайримоддии халқи тоҷик барои солҳои 2013 – 2020, Барномаи давлатии ҳифзи мероси таърихию фарҳангӣ барои солҳои 2012-2020, Барномаи рушди кинои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018 – 2022, Барномаи рушди пахши телевизиони рақамӣ барои солҳои 2020-2024 ва дигар барномаҳо ки бо қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидаанд, дар ҳаҷми 9,8 млн. сомонӣ пешбинӣ карда шудааст.

Дар буҷети давлатӣ барои соли 2020 аз ҳисоби маблағҳои асосии мутамарказ маблағгузории иншоотҳои сохтмонии соҳаи фарҳанг дар ҳаҷми 318,4 млн. сомонӣ дар назар дошта шудааст.

## Соҳаи илм

Барои маблағгузории соҳаи илм дар буҷети давлатӣ маблағи 115,6 млн. сомонӣ пешбинӣ гардидааст, ки нисбат ба соли 2019 ба маблағи 4,4 млн. сомонӣ ё 5,5 фоиз афзоиш ёфта, 0,4 фоизи ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатиро ташкил медиҳад.

Дар соли 2020-ум барои корҳои илмию тадқиқотӣ 339 мавзӯъ, аз ҷумла 43 мавзӯи нав ва 298 мавзӯи гузаранда барои маблағгузорӣ пешниҳод шудааст, аз ҷумла:

- барои гузаронидани тадқиқоти фундаменталӣ – 83,6 млн. сомонӣ бо афзоиши 4,6 фоиз;

➢ барои гузаронидани тадқиқоти илмҳои соҳавӣ – 32,0 млн. сомонӣ бо афзоиши 2,5 фоиз.

## VIII. Дастгирии рушди соҳаҳои иқтисодиёт

Ноил гардидан ба истиқлолияти энергетикӣ, раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ ва саноатикунонии иқтисодиёт ҳадафҳои стратегии кишвар арзёбӣ гардида, зери назорати доимии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад.

Бинобар ин, дар буҷети давлатӣ барои соли 2020 аз ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ барои рушди соҳаҳои иқтисодиёти кишвар 8215,3 млн. сомонӣ пешбинӣ карда шудааст, ки ба 9,4 фоизи Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ баробар гардида, нисбати буҷети соли ҷорӣ 0,8 банди фоиз коҳиш ёфтааст.

Хароҷоти соҳаҳои воқеии иқтисодиёт асосан аз ҳисоби маблағгузориҳои асосии давлатӣ ва ҷалби сармоягузориҳои беруна ташаккул ёфта, маблағи он 6688,5 млн сомонӣ, ки 81,4 фоизи хароҷоти умумии соҳаро ташкил медиҳад.




Соҳаи хоҷагии манзилию коммуналӣ, муҳити зист ва хоҷагии ҷангал

Ҳаҷми умумии хароҷоти соҳаи хоҷагии манзилию коммуналӣ, муҳити зист ва хоҷагии ҷангал 1231,0 млн сомонӣ, аз ҷумла аз ҳисоби сарчашмаҳои буҷетӣ 665,0 млн сомонӣ, маблағҳои махсус 60,1 млн сомонӣ ва Барномаи

сармоягузориҳои давлатӣ 505,4 млн сомонӣ пешбинӣ гардидааст, ки нисбат ба буҷети соли 2019 ба маблағи 262,4 млн. сомонӣ зиёд гардидааст.




Дар соҳаи мазкур хароҷоти мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ вобаста ба нигоҳдорӣ ва таъмири фонди манзил, ободонии шаҳрҳо, марказҳои ноҳияҳо ва шаҳракҳо, таъмир ва барқарорсозии иншооти обтаъминкунӣ ба маблағи умумии 457,4 млн сомонӣ пешбинӣ гардидааст, ки нисбат аз нақшаи соли 2019 ба маблағи 29,9 млн сомонӣ ё ин, ки 7,0 фоиз зиёд мебошад.

Инчунин, субсидия барои пардохти ҳаққи хизматрасонии хоҷагии манзилию коммуналӣ ба шахсони имтиёздор ба маблағи 13,9 млн. сомонӣ, аз он ба Корхонаи воҳиди давлатии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» маблағи 4,5 млн. сомонӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо 9,4 млн. сомонӣ пешбинӣ карда шудааст.

Ғайр аз ин, бо мақсади пешбурди фаъолияти Кумитаи ҳифзи муҳити зист дар самти таъмини назорати истифодаи захираҳои олами набототу ҳайвонот аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ дар ҳаҷми 38,6 млн сомонӣ ва барои ба танзим даровардани заминҳои фонди ҷангал ва таъмини назорати ҳудудҳои махсуси муҳофизатшаванда ба Агентии ҳоҷагии ҷангал ба маблағи 24,3 млн сомонӣ ба нақша гирифта шудааст.

Дар соҳаи хоҷагии манзилию коммуналӣ ва ҳифзи муҳити зист, амалӣ намудани 18 лоиҳаи муштараки сармоягузорию грантӣ ба маблағи умумии 505,4 млн сомонӣ пешбинӣ гардидааст, ки нисбат ба буҷети тасдиқгардидаи соли 2019-ум 225,1 млн сомонӣ зиёд мебошад.

Маблағҳои мазкур барои барқарорсозӣ ва беҳсозии системаи обтаъминкунӣ ва санитария дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ (шаҳри

Душанбе, шаҳрҳои шимол ва маркази Тоҷикистон, шаҳри Хоруғ, шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон), идоракунии партовҳои сахти маишӣ дар шаҳрҳои Хоруғ, Хуҷанд, Қӯрғонтеппа, Ёвон, Норак, Турсунзода ва дигар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ равона карда мешаванд.

Дар хароҷоти умумии соҳаи хоҷагии манзилию коммуналӣ маблағгузориҳои асосии мутамаркази давлатӣ дар ҳаҷми 171,0 млн. сомонӣ пешбинӣ шудааст, ки назар ба буҷети тасдиқгардидаи соли 2019 ба маблағи 6,2 млн. сомонӣ ё 5,3 фоиз зиёд мебошад, ки асосан аз ҳисоби афзоиши хароҷоти буҷети маҳаллии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе ба вуҷуд омадааст.

## Соҳаи комплекси сӯзишворию энергетикӣ

Бо мақсади расидан ба истиқлолияти энергетикии мамлакат барои соҳаи комплекси сӯзишворию энергетикии 3927,6 млн сомонӣ, аз ҷумла аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ 2186,4 млн сомонӣ, барномаҳои сармоягузориҳои давлатӣ 1736,4 млн сомонӣ ва маблағҳои махсус 4,8 млн сомонӣ ба нақша гирифта шудааст. Маблағгузории соҳа нисбат ба соли 2019 ба маблағи 174,4 млн. сомонӣ кам гардидааст.




Кам гардидани маблағгузорӣ нисбат ба соли 2019 асосан аз ҳисоби барномаҳои сармоягузории давлатӣ дар ҳаҷми 163,8 млн. сомонӣ мебошад.

Дар доираи маблағҳои пешбинигардида амалӣ гардидани афзалиятҳои муҳими соҳа, аз ҷумла:

- пурра намудани фонди оинномавии ҶСК НБО «Роғун»;

- сохтмону барқарорсозии системаи энергетикӣ ва сохтмони дигар нерӯгоҳҳои обию барқии хурду миёна;

- гузаронидани корҳои ҷустуҷӯӣ иктишофӣ дар соҳаҳои истихроҷи нафту газ, дар назар дошта шудааст.

Аз маблағҳои пешбинигардида барои рушди соҳаи комплекси сӯзишворию энергетикӣ 2175,2 млн. сомонӣ ҳамчун маблағҳои муттамарказ аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ равона карда мешавад.

Дар соҳаи комплекси сӯзишворию энергетикӣ амалӣ намудани 10 лоиҳаи муштараки сармоягузорию грантӣ ба маблағи умумии 1736,4 млрд сомонӣ пешбинӣ гардидааст, ки нисбат ба буҷети тасдиқгардидаи соли 2019 ба маблағи 163,8 млн сомонӣ кам мебошад.

## Соҳаи кишоварзӣ, моҳидорӣ ва шикор

Баҳри ноил гардидан ба таъмини амнияти озуқаворӣ дар буҷети давлатӣ барои соли 2020 маблағи 785,5 млн. сомонӣ пешбинӣ карда шудааст, аз ҷумла, аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ 211,4 млн. сомонӣ, лоиҳаҳои муштараки давлатии сармоягузорӣ 548,9 млн. сомонӣ ва маблағҳои махсус  25,2 млн. сомонӣ, ки нисбат ба буҷети соли 2019 ба маблағи 129,9 млн. сомонӣ кам гардидааст. Сабаби коҳишёбии хароҷоти соҳа ба анҷом расидани татбиқи баъзе лоиҳаҳои давлатии самоягузорӣ дар ҳаҷми 153,0 млн. сомонӣ мебошад.




Барои татбиқи барномаҳои рушди соҳаи кишоварзӣ дар соли 2020-ум 34,5 млн сомонӣ, аз ҷумла Барномаи маҷмӯавии рушди соҳаи чорводорӣ 2,6 млн сомонӣ ва чорабиниҳои зиддиэпизоотӣ 2,9 млн сомонӣ, барои рушди муносибатҳои лизингӣ ва ташкил намудани марказҳои хизматрасонӣ дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ 25,0 млн сомонӣ ва чорабиниҳои мубориза бар зидди малах 4,0 млн сомонӣ равона карда мешавад.

Барои соҳаи мазкур ҷиҳати пешгирӣ намудани бемориҳои сироятии чорво ва беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳои кишоварзӣ дар буҷетҳои маҳаллӣ ба маблағи 50,5 млн сомонӣ аз ҷумла, барои беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳои кишоварзии шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд 31,2 млн сомонӣ пешбинӣ гардидааст.

Дар соҳаи кишоварзӣ 12 лоиҳаи муштараки сармоягузорию грантӣ маблағи 548,9 млн сомонӣ пешбинӣ гардидааст, ки нисбат ба буҷети тасдиқгардидаи соли 2019 ба маблағи 153,0 млн сомонӣ кам мебошад.

Барои соҳаи кишоварзӣ аз ҳисоби маблағгузориҳои асосии муттамаркази давлатӣ 17,9 млн сомонӣ пешбинӣ гардидааст.

Дар буҷети соли 2020 ба Агентии беҳдошти замин ва обёрӣ дар самти нигоҳдории муассисаҳо, барқарорсозии қубурҳои баландфишор, таъмиру барқарорсозии насосҳои обкашӣ, пардохти фонди музди меҳнат ва қувваи барқи пойгоҳҳо ва насосҳои обкашӣ аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳо дар ҳаҷми 178,8 млн. сомонӣ пешбинӣ шудааст.

Бояд тазаккур дод, ки маблағи хизматрасонии коммуналӣ дар соҳа нисбат ба соли 2019 маблағи 19,7 млн. сомонӣ кам мебошад. Сабаби кам пешбинӣ гардидани маблағгузорӣ барои хизматрасонии коммуналӣ дар соли 2020 асосан аз он иборат мебошад, ки соли 2019 ба Агентии беҳдошти замин ва обёрӣ ҳамчун субсидия барои пардохти қувваи барқи пойгоҳҳо ва насосҳои обкашӣ 60 млн. сомонӣ пешбинӣ шуда буд. Дар асоси розигии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 апрели соли 2019, №14393 аз ҳисоби субсидия барои пардохти қувваи барқи пойгоҳҳо ва насосҳои обкашӣ 28,5 млн сомонӣ кам гардида, барои пардохти музди меҳнати кормандони муассисаю ташкилотҳои Агентӣ равона гардид.

Аз ин лиҳоз, дар рафти таҳияи лоиҳаи буҷети соли 2020 маблағи хизматрасонии коммуналии Агентӣ дар ҳаҷми 40,1 млн. сомонӣ пешбинӣ гардид, ҳамзамон фарқияти он барои нигоҳдори ва пардохти музди меҳнати сохторҳои он пешбинӣ шудааст.

## Соҳаи саноат ва сохтмон

Дар буҷети давлатӣ барои соли 2020 барои рушди соҳаҳои саноату сохтмон маблағи 232,4 млн сомонӣ, аз ҷумла аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ 229,4 млн. сомонӣ ва маблағҳои махсус 3,0 млн. сомонӣ ба нақша гирифта шудааст. Афзоиши маблағҳои пешбинигардида нисбат ба соли 2019 маблағи 76,0 млн. сомониро ташкил медиҳад.

Зиёдшавии маблағҳои пешбинигардида асосан аз ҳисоби сохтмони асосӣ 59,0 млн. сомонӣ ва маблағгузории фаъолияти КМКДҶ «Тиллои Тоҷик» дар ҳаҷми 13,5 млн. сомонӣ ба вуҷуд омадааст.




Аз маблағҳои пешбинигардида 98,1 млн сомонӣ барои фаъолияти истеҳсолии КМКДҶ «Тиллои Тоҷик» равона карда мешавад.

Барои нигоҳдорӣ ва рушди инфрасохтори минтақаҳои озоди иқтисодии ҷумҳурӣ дар маҷмӯъ 4,8 млн сомонӣ пешбинӣ шудааст.

Ҳамчунин, оид ба татбиқи «Барномаи давлатии рушди соҳаи геологияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020» ҷиҳати пешбурдӣ корҳои ҷустуҷӯӣ-геологӣ 13,0 млн сомонӣ пешбинӣ гардидааст.

Маблағгузориҳои асосии мутамаркази давлатӣ барои соҳаи саноат ва сохтмон 105,9 млн сомонӣ бо афзоиши 59,0 млн сомонӣ ё ин, ки 126,0 фоиз пешбинӣ карда шудааст.

## Соҳаи нақлиёт ва коммуникатсия

Бо дарназардошти раҳоии кишвар аз бунбасти коммуникатсионӣ дар соли 2020 ҳаҷми умумии хароҷот барои соҳаи нақлиёт ва коммуникатсия ба маблағи 1969,4 млн. сомонӣ пешбинӣ карда шудааст, аз ҷумла аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ 775,1 млн. сомонӣ, маблағҳои махсус 44,4 млн. сомонӣ, лоиҳаҳои муштараки сармоягузорӣ 1149,9 млн пешбинӣ гардидааст, ки нисбат ба буҷети соли 2019 ба маблағи 217,9 млн сомонӣ зиёд шудааст



Барои таъмир ва нигоҳдории роҳҳо дар буҷети ҷумҳуриявӣ дар маҷмӯъ 100,7 млн сомонӣ пешбинӣ шудааст, аз ҷумла 64,2 млн. сомонӣ ба Вазорати нақлиёт ва зерсохторҳои он ва 36,5 млн. сомонӣ ба Дирексияи сохтмонӣ.

Барои нигоҳдории роҳҳои дохилии маҳаллӣ ва хариди мошинҳо ва таҷҳизот дар буҷети маҳаллии шаҳру ноҳияҳо 336,0 млн. сомонӣ пешбинӣ шудааст, ки нисбат ба соли 2019 маблағи 18,4 млн. сомонӣ зиёд мебошад.

Дар соҳаи нақлиёт 11 лоиҳаи муштараки сармоягузорӣ ба маблағи 1149,9 млн. сомонӣ амалӣ мегардад, ки нисбат ба буҷети тасдиқгардидаи соли 2019 ба маблағи 208,2 млн сомонӣ зиёд мебошад.

Барои таҷдиду азнавсозии роҳу купрукҳо 288,0 млн. сомонӣ маблағгузориҳои асосии мутамарказ пешбинӣ карда шудааст, ки нисбат ба буҷети тасдиқгардидаи соли 2019 ба маблағи 3,0 млн сомонӣ зиёд аст.

## IX. Маблағгузориҳои асосии мутамарказ

Маблағҳои асосии мутамаркази давлатӣ дар доираи «Нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, даромадҳои буҷети давлатӣ ва ҳадди ниҳоии хароҷоти он аз рӯи соҳаҳо барои солҳои 2020-2022» ва дигар барномаҳои соҳавию минтақавӣ муайян карда шудааст.

Ҳаҷми сармоягузориҳои асосии мутамарказ дар соли 2020 ба маблағи 3760,6 млн сомонӣ пешбинӣ гардида, нисбати буҷети соли ҷорӣ ба маблағи 101,8 млн. сомонӣ ё 2,8 фоиз зиёд мебошад.

Аз рӯи соҳаҳои буҷети давлатӣ барои сохтмони иншоотҳо дар соҳаҳои иҷтимоӣ ба маблағи 762,5 млн. сомонӣ ё дар ҳаҷми умумии хароҷоти маблағҳои мутамаркази асосӣ 20,3 фоиз, соҳаҳои воқеии иқтисодиёт 2748,0 млн. сомонӣ ё 73,0 фоиз ва дигар соҳаҳо 250,5 млн. сомонӣ ё 6,7 фоиз аз ҳаҷми умумии хароҷоти асосии мутамарказ равона карда мешавад.

Сармоягузориҳои асосии мутамарказ барои сохтмони иншооти дорои аҳамияти муҳиму стратегии рушди иқтисодиёт ва иҷтимоиёт равона карда мешаванд.

## XI. Барномаҳои давлатии сармоягузорӣ

Маблағгузории лоиҳаҳои муштараки сармоягузорӣ дар соли 2020 аз ҳисоби тамоми сарчашмаҳо ба андозаи 4624,2 млн сомонӣ (бо дарназардошти ҳиссаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷкистон) пешбинӣ гардидааст. Аз ҷумла аз ҳисоби:

- маблағҳои қарзӣ- 2327,0 млн. сомонӣ;
- маблағҳои грантӣ - 2196,5 млн.  сомонӣ;
- ҳиссаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 100,7 млн сомонӣ;




Бояд қайд намуд, ки дар буҷети давлатӣ барои соли 2020 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ бе назардошти ҳиссаи Ҳукумати мамлакат дар доираи тадбиқ гардидани 66 лоиҳаи сармоягузорӣ пешбинӣ гардида, маблағи он 4523,5 млн. сомониро ташкил медиҳад, ки нисбат ба соли 2019 -ум 281,8 млн. сомонӣ ё 6,6 фоиз афзоиш ёфтааст.

Ҳиссаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар лоиҳаҳои муштараки сармоягузорӣ ба маблағи 100,7 млн сомонӣ пешбинӣ шуда, аз он лоиҳаҳои барои марҳилаи тайёрӣ қарордошта 30,6 млн сомониро ташкил медиҳад.

Дар соли 2020 дар доираи тадбиқи маблағҳои лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ ҷалби маблағҳо аз ҳисоби Ҷумҳурии Халқии Хитой пешбинӣ карда нашудааст.

## XI. Хароҷоти хизматрасонии қарзи давлатӣ

Дар буҷети давлатӣ барои соли 2020 хизматрасонии қарзи давлатӣ ба маблағи 2916,6 млн сомонӣ пешбинӣ шудааст, ки нисбат ба буҷети тасдиқшудаи соли ҷорӣ 615,0 млн сомонӣ, ё ин ки 26,7 фоиз зиёд мебошад.

Хизматрасонии қарзи давлатӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ дар соли 2020 ба маблағи 1847,6 млн сомонӣ пешбинӣ шудааст, ки нисбат ба буҷети тасдиқшудаи соли ҷорӣ 266,7 млн сомонӣ зиёд мебошад. Аз ҷумла:

- хизматрасонии қарзи беруна 1599,9 млн сомонӣ;
- хизматрасонии қарзи дохилӣ 247,7 млн. сомонӣ.




Дар соли 2020 дар доираи хизматрасонии қарзи беруна барои пардохти қарзи асосӣ 811,3 млн. сомонӣ ва барои фоизи қарз 788,6 млн. сомонӣ пешбинӣ шуда, дар маҷмуъ нисбат ба соли 2019 ба маблағи 277,8 млн. сомонӣ ё 20,5 фоиз зиёд мебошад.

Дар соли 2020 ҳаҷми маблағҳои бардошти захиравии қарзи беруна барои идоракунии хавфи фарқияти қурби асъор ва хавфи напардохтани қарзҳои бо кафолати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷалбгардида ба маблағи 40,8 млн сомонӣ пешбинӣ гардидааст.

Инчунин, дар доираи хизматрасонии қарзи дохилӣ дар соли 2020 ҳамагӣ 846,7 млн сомонӣ, аз ҷумла аз ҳисоби буҷети давлатӣ 247,7 млн сомонӣ (аз ҳисоби векселҳои давлатии барои НБО "Роғун" 106,0 млн. сомонӣ), баргардонидани қарзҳои Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Агроинвестбонк» 540000 ҳазор сомонӣ ва аз ҳисоби маблағҳои берун аз тавозуни буҷети давлатӣ 59,0 млн сомониро ташкил медиҳад.

Инчунин дар соли 2020 пардохти қарзи асосии ва векселҳои давлатӣ барои қарзи хоҷагиҳои пахтакор ба маблағи 59,0 млн сомонӣ аз ҳисоби Фонди стабилизатсионӣ оид ба рушди иқтисодиёт ва 540,0 млн. сомонӣ, аз ҷумла 40,0 млн. сомонӣ фоизҳо ва 500,0 млн. сомонӣ қарзи асосӣ барои хизматрасонии векселҳои давлатӣ ҷиҳати танзими 37 қарзи мушкилситони ҶСК «Агроинвестбонк» аз ҳисоби маблағҳое, ки ба суратҳисоб барои ҷамъоварии маблағҳои қарзҳои дорои мушкилоти ҶСК «Агроинвестбонк» дар Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон баргардонида мешаванд, пардохт карда мешавад. Инчунин хизматрасонии векселҳои давлатии Вазорати молия барои сармоякунонии ҶСК «Агроинвестбанк» ва ҶСК

«Тоҷиксодиротбонк» аз ҳисоби баргардонидани маблағҳо аз ҷониби бонкҳои зикргардида ба Бонки миллии Тоҷикистон пардохт мегардад.

## XII. Буҷети ҷумҳуриявӣ

Дар соли 2020 ҳаҷми умумии даромади буҷети ҷумҳуриявӣ 11155,6 млн. сомонӣ, аз ҷумла аз ҳисоби даромадҳои ҷорӣ 10855,6 млн сомонӣ ва грантҳо барои дастгирии буҷет 300,0 млн. сомониро ташкил дода, нисбат ба соли 2019-ум 943,0 млн. сомонӣ зиёд мебошад.

Дар сохтори даромадҳои ҷорӣ воридоти андозҳо 9658,9 млн. сомониро ташкил медиҳад.

Ҳаҷми хароҷоти буҷети ҷумҳуриявӣ дар соли 2020 ба 11495,2 млн сомонӣ баробар гардида, нисбат ба соли 2019-ум 943,0 млн сомонӣ ё 8,5 фоиз зиёд мебошад.

Касри буҷети ҷумҳуриявӣ дар соли 2020 маблағи 339,6 млн сомониро ташкил медиҳад.




## XII. Буҷетҳои маҳаллӣ

Дар соли 2020 ҳаҷми умумии даромади буҷетҳои маҳаллӣ ба маблағи 8402,9 млн сомонӣ ба нақша гирифта шудааст, ки нисбат ба буҷети соли 2019 дар сатҳи 10,8 фоиз ё маблағи 817,5 млн сомонӣ зиёд мебошад.

Дар соли 2020 аз буҷети ҷумҳуриявӣ ба буҷетҳои маҳаллӣ мусоидати молиявӣ (субвенсия) барои пардохти фонди музди меҳнат 900,6 млн сомонӣ ва кӯмаки молиявии беподош (дотатсия) барои пӯшонидани хароҷоти ҷорӣ 3,2 млн сомонӣ дар маҷмуъ кумакҳои молиявӣ 903,8 млн сомонӣ ба нақша гирифта шудааст, ки вазни хоси он ба 12,4 фоизи хароҷоти буҷетҳои

маҳаллӣ рост меояд, ки нисбати соли 2019 ба маблағи 47,4 млн. сомонӣ ё 1,7 фоиз кам карда шудааст, аз ҷумла дар ВМКБ дар сатҳи 2,3 фоиз, вилояти Хатлон 4,9 фоиз, ноҳияҳои Варзоб 5,5 фоиз, Рашт 1,8 фоиз, Лахш 1,9 фоиз, Сангвор 1,9 фоиз, Тоҷикобод 1,9 фоиз, Файзобод 1,0 вазни хоси субвенсия дар ҳаҷми хароҷоти буҷетҳои дахлдор гардидааст.

Дар лоиҳаи буҷети соли 2020 дар вилоят ва ноҳияҳои субвенсионӣ маблағи касри буҷет 9936,2 ҳазор сомонӣ муайян гардидааст, аз ҷумла ба буҷети Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 1185,1 ҳазор сомонӣ, вилояти Хатлон 7290,5 ҳазор сомонӣ, ноҳияҳои Варзоб 173,6 ҳазор сомонӣ, Рашт 290,8 ҳазор сомонӣ, Лахш 176,0 ҳазор сомонӣ, Нуробод 176,0 ҳазор сомонӣ, Сангвор 101,8 ҳазор сомонӣ, Тоҷикобод 114,0 ҳазор сомонӣ, Файзобод 214,4 ҳазор сомонӣ, Шаҳринав 214,0 ҳазор сомонӣ ё аз ҳаҷми умумии хароҷоти дахлдор ба андозаи 0,4 фоиз касри буҷет рост меояд. Манбаъи пӯшонидани касри буҷетҳои маҳаллӣ аз ҳисоби таъмини иҷрои барзиёдии даромад муайян карда шудаст.

Ҳиссагузорӣ ба буҷети ҷумҳуриявӣ аз ҳисоби буҷетҳои маҳаллӣ дар соли 2020 дар ҳаҷми 2009,6 млн сомонӣ аз ҷумла, аз ҳисоби буҷети вилояти Суғд 717,0 млн сомонӣ, шаҳри Душанбе 1153,0 млн сомонӣ, шаҳри Роғун 138,0 млн. сомонӣ ва ноҳияи Рудакӣ 2,0 млн сомонӣ муайян карда шудааст, ки нисбати соли 2019 маблағи 241,0 млн. сомонӣ зиёд мебошад.

Қисми хароҷоти буҷетҳои маҳаллӣ дар соли 2020 маблағи 7307,1 млн сомонӣ муайян карда шудааст, ки нисбат ба соли 2019 дар сатҳи 7,8 фоиз (ё) маблағи 526,8 млн сомонӣ зиёд мебошад. Дар ҳаҷми умумии хароҷоти буҷетҳои маҳаллӣ фонди музди меҳнат 57,9 фоиз рост меояд.

Дар буҷетҳои маҳаллӣ барои соҳаҳои иҷтимоӣ дар соли 2020 бо назардошти маблағҳои сохтмони асосии мутамарказ 5664,2 млн сомонӣ муайян карда шудааст, ки дар ҳаҷми умумии хароҷоти буҷетҳои маҳаллӣ 77,5 фоиз рост меояд, аз ҷумла барои соҳаи маориф 3547,6 млн сомонӣ, соҳаи тандурустӣ 1541,1 млн сомонӣ, ҳифзи иҷтимоӣ 50,4 млн сомонӣ, фарҳанг ва варзиш ба маблағи 525,1 млн сомонӣ баробар мебошад.

Барои мақомоти ҳокимият ва идораи давлатӣ дар буҷетҳои маҳаллӣ 256,2 млн сомонӣ (3,5 фоиз аз ҳаҷми умумии хароҷот), сохторҳои қудратӣ 105,6 млн сомонӣ (1,4 фоиз), кишоварзӣ 53,6 млн сомонӣ (0,7 фоиз), соҳаи хоҷагии манзилию коммуналӣ 584,6 млн сомонӣ (8,0 фоиз) ва соҳаи нақлиёт ва коммуникатсия 588,0 млн сомонӣ (8,0 фоиз) муайян гардидааст, ки дар ҳаҷми умумии хароҷоти буҷетҳои маҳаллӣ 21,7 фоизро ташкил медиҳад.

Маблағҳои сохтмони асосӣ 822,2 млн сомонӣ ба нақша гирифта шудааст, ки нисбат ба соли 2019 дар сатҳи 0,8 фоиз (ё) маблағи 6,6 млн

сомонӣ зиёд мебошад. Дар ҳаҷми умумии хароҷоти буҷетҳои маҳаллӣ маблағҳои сохтмони асосӣ ба 11,2 фоиз рост меояд.

Қисми хароҷоти буҷетҳои маҳаллӣ дар буҷети соли 2020 бо афзоиши 526,8 млн сомонӣ пешбинӣ шудааст, ки аз он 170,8 млн сомонӣ (ё) 32,4 фоиз барои маблағгузории зиёдшавии фонди музди меҳнат, барои пардохти трансфетҳо, кумакпулиҳо ва идрорпулиҳо 2,6 млн сомонӣ, пардохти коммуналӣ 15,9 млн сомонӣ ва барои маблағгузории сарикасии соҳаҳои маориф ва тандурустӣ 189,7 млн сомонӣ ва маблағи 147,8 млн. сомонӣ ба дигар моддаҳои хароҷотӣ рост меояд.

## XIV. Касри буҷет

Дар соли 2020 касри буҷет нисбат ба Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ 0,4 фоиз ё 349,5 млн. сомонӣ пешбинӣ карда шудааст. Касри васеи буҷети давлатӣ бошад бо дарназардошти баргардонидани қарзи давлатӣ 1418,0 млн сомонӣ, аз ҷумла аз ҳисоби касри ҷорӣ 349,5 млн. сомонӣ, пардохти қарзи асосии берунии берун аз тавозуни буҷет 470,0 млн. сомонӣ ва пардохти қарзи асосии дохилӣ 599,0 млн. сомониро ташкил дода, ба 1,6 фоизи Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ баробар мебошад.

Манбаъҳои пӯшонидани касри ҷорӣ ба маблағи 349,5 млн сомонӣ дар соли 2020 ба таври зайл муайян карда шудаанд, аз ҳисоби:

–хусусигардонӣ, иҷораи моликияти ҷумҳуриявӣ ва суди саҳмияҳои давлатӣ 25,0 млн сомонӣ,

–фурӯши векселҳои хазинадорӣ 100,0 млн сомонӣ,

–маблағҳои озоди буҷети ҷумҳуриявӣ ба ҳолати 1 январи соли 2020 34,0 млн сомонӣ,

–қарз ва грантҳои созмонҳои байналмилалии молиявӣ 150,0 млн сомонӣ,

–сарфаи маблағи озмунҳои хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ 30,6 млн сомонӣ.

–иҷрои барзиёдии нақшаи даромади буҷетҳои маҳаллӣ 9,9 млн сомонӣ.

Манбаъҳои пардохти касри қарзи асосии берунӣ ба 470,0 млн сомонӣ ба таври зайл муайян карда шудааст, аз ҳисоби:

- ШСХК “Барқи Тоҷик” 391,7 млн сомонӣ;
- КВД “Обу корези Душанбе” 5,7 млн сомонӣ;
- ҶСК “Ширкати алюминийи Тоҷик” 25,1 млн сомонӣ;
- КВД “Роҳи оҳани Тоҷикистон” 20,3 млн сомонӣ;
- ҶСК “Тоҷиктрансгаз” 3,2 млн сомонӣ;

– ҶСК “Помир энерҷи” 4,8 млн сомонӣ;
– ҶСК “Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе” 11,0 млн сомонӣ;
– ҶСК “Агроинвестбонк” 4,4 млн сомонӣ;
– ҶСК “Тоҷиксодиротбонк” 3,8 млн сомонӣ.

Манбаъҳои пардохти касри қарзи асосии дохилӣ аз ҳисоби Фонди стабилизатсионӣ оид ба рушди иқтисодиёт ба маблағи 59,0 млн сомонӣ ва баргардонидани қарзҳои ҶСК “Агроинвестбонк” 540 млн сомонӣ пешбинӣ шудааст.

## XV. Шарҳи мухтасари дурнамои нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ барои солҳои 2021-2022

Нишондиҳандаҳои даромад ва хароҷоти Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2022 давоми мантиқии лоиҳаи буҷети соли 2020 буда, дар ин давра сиёсати буҷети давлатӣ пеш аз ҳама бо мақсади рушди иқтисодиёти ҷумҳурӣ, баланд бардоштани сатҳу сифати некӯаҳволӣ, таъмини бехатарии озуқаворӣ, баланд бардоштани хизматрасониҳои иҷтимоии давлатӣ ва рушди соҳаҳои воқеии иқтисодиёт, аз ҷумла нақлиёт, энергетика, хоҷагии қишлоқ, ислоҳоти маблағгузории соҳаҳои маориф, тандурустӣ, мақомоти идораи давлатӣ ва ғайраҳо равона карда мешавад.

Дар соли 2021 ҳаҷми Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ бо афзоиши воқеии 7,9 фоиз 98,0 млрд сомонӣ ва дар соли 2022 бо афзоиши воқеии 8,0 фоиз 108,8 млрд сомонӣ дар назар дошта шудааст, ки афзоиши миёнаи солонаи номиналии он 11,6 фоизро ташкил медиҳад.

Дар ин давра меъёри индекси дефлятор дар доираи афзоиши воқеии Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба инобат гирифта шуда, дар соли 2021 ба андозаи 4,0 фоиз ва соли 2022 бошад, ба андозаи 2,8 фоиз пешбинӣ гардидааст.

Дар давраи миёнамуҳлат бо дарназардошти болоравии индекси нархҳои истеъмолӣ меъёри таваррум дар солҳои 2021-2022 мутаносибан ба 6,8 ва 6,6 фоиз пешбинӣ гардидааст.

Дар ин робита, дар соли 2021 ҳаҷми умумии даромади буҷети давлатӣ 28635,6 млн сомонӣ, аз ҷумла аз ҳисоби даромади ҷорӣ бо грантҳо 21281,6 млн сомонӣ, маблағҳои махсус 2150,0 млн сомонӣ, аз ҳисоби татбиқи қарз ва грантҳои лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ 5204,0 млн сомонӣ пешбинӣ карда шудааст, ки ба 29,2 фоизи Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ баробар мебошад.

Даромадҳои андозию ғайриандозии буҷети давлатӣ бо дарназардошти грантҳо барои дастгирии буҷет дар соли 2021 аз ҳисоби сарчашмаҳои зерин пешбинӣ гардидааст.

- Воридоти андоз ва пардохтҳои ғайриандозӣ 14900,6 млн сомонӣ бо афзоиши 1231,6 млн сомонӣ, ё ин ки 71,0 фоизи даромадҳои ҷорӣ;
- Воридоти пардохтҳои гумрукӣ 6081,0 млн сомонӣ бо афзоиши 550,1 млн сомонӣ, ё ин ки 29,0 фоизи даромадҳои ҷориро ташкил медиҳанд;

Инчунин дар соли 2022 ҳаҷми умумии даромади буҷети давлатӣ 30983,1 млн сомонӣ, аз ҷумла аз ҳисоби даромади ҷорӣ бо грантҳо 23581,7 млн сомонӣ, маблағҳои махсус 2320,0 млн сомонӣ, аз ҳисоби татбиқи қарз ва грантҳои лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ 5081,3 млн сомонӣ пешбинӣ карда шудааст, ки ба 28,5 фоизи Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ баробар мебошад.

Даромадҳои андозию ғайриандозии Буҷети давлатӣ бо дарназардошти грантҳо барои дастгирии буҷет дар соли 2022 аз ҳисоби сарчашмаҳои зерин пешбинӣ гардидааст.

- Воридоти андоз ва пардохтҳои ғайриандозӣ 16707,0 млн сомонӣ бо афзоиши 1806,4 млн сомонӣ, ё ин ки 71,8 фоизи даромадҳои ҷорӣ;
- Воридоти пардохтҳои гумрукӣ 6574,7 млн сомонӣ бо афзоиши 493,7 млн сомонӣ, ё ин ки 25,2 фоизи даромадҳои ҷориро ташкил медиҳанд.

## Сиёсати хароҷоти буҷети давлатӣ

Сиёсати хароҷоти буҷети давлатӣ дар солҳои 2021 – 2022 низ нигоҳ дошта шуда, пеш аз ҳама ба мақсади рушди иқтисодиёти ҷумҳурӣ карда мешавад.

Ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатӣ дар соли 2021 ба маблағи 29125,7 млн сомонӣ, аз ҷумла аз ҳисоби хароҷоти ҷорӣ 21895,1 млн сомонӣ, маблағҳои махсус 2026,6 млн сомонӣ ва Барномаи давлатии сармоягузорӣ 5204,0 млн сомонӣ, пешбинӣ карда шудааст, ки ба 29,7 фоизи Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ баробар мебошад.

Ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатӣ дар соли 2022 бошад 31522,0 млн. сомонӣ, аз ҷумла аз ҳисоби хароҷоти ҷорӣ 24251,3 млн сомонӣ, маблағҳои махсус 2194,4 млн сомонӣ ва Барномаи давлатии сармоягузорӣ 5081,4 млн сомонӣ пешбинӣ карда шудааст, ки ба 29,0 фоизи Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ баробар мебошад.

## Хароҷоти мақомоти ҳокимият ва идоракунии давлатӣ

Дар соли 2021 хароҷот барои мақомоти ҳокимият ва идоракунии давлатӣ дар маҷмӯъ ба маблағи 1380,7 млн сомонӣ ва барои соли 2022 дар ҳаҷми 1505,2 млн сомонӣ дар назар дошта шудааст. Аз ҷумла, дар солҳои 2021-2022 хароҷоти ҷории мақомоти ҳокимият ва идоракунии давлатӣ мутаносибан 1163,3 млн сомонӣ ва 1325,8 млн сомонӣ ва маблағҳои махсуси ташкилотҳои буҷетӣ мутаносибан ба маблағи 164,6 млн сомонӣ ва 169,3 млн сомонӣ пешбинӣ гардидааст. Ҷалби маблағҳои қарзию грантӣ дар доираи татбиқи лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ дар соли 2021 - 42,6 млн сомонӣ пешбинӣ гардида, дар соли 2022 ба нақша гирифта нашудааст.

## Хароҷоти соҳаҳои иҷтимоӣ

Ҳаҷми умумии хароҷоти соҳаҳои иҷтимоӣ дар соли 2021-ум 13134,3 млн. сомонӣ, ки он 45,1 фоизи ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатӣ ё 13,4 фоизи Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ва дар соли 2022-ум 14320,2 млн сомонӣ, ки он 49,2 фоизи ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатӣ ва 13,2 фоизи Маҷмӯи маҳсулоти дохилиро ташкил медиҳад.

Маблағгузории соҳаҳои иҷтимоӣ бо дарназардошти хароҷоти соҳаи хоҷагии манзилию коммуналӣ аз ҳисоби манбаъҳои буҷетӣ сол аз сол афзоиш ёфта, дар соли 2021 ба маблағи 14254,5 млн. сомонӣ ва соли 2022 ба маблағи 15505,5 млн. сомонӣ пешбинӣ гардидааст, ки мутаносибан ба 48,9 фоиз ва 49,2 фоизи ҳаҷми хароҷоти буҷети давлатӣ баробар мебошад.

## Хароҷоти соҳаи маориф

Хароҷоти соҳаи маориф дар соли 2021 ба маблағи 5411,9 млн. сомонӣ пешбинӣ гардидааст, ки 18,6 фоизи ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатӣ ва 5,5 фоизи Маҷмӯи маҳсулоти дохилиро ташкил медиҳад. Дар соли 2022 ба маблағи 5960,8 млн. сомонӣ пешбинӣ гардида, 18,9 фоизи ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатӣ ва 5,5 фоизи Маҷмӯи маҳсулоти дохилиро ташкил медиҳад.

## Хароҷоти соҳаи тандурустӣ

Хароҷоти соҳаи тандурустӣ дар соли 2021 ба маблағи 2224,2 млн. сомонӣ ё ин ки 7,1 фоизи ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатӣ ва 2,3 фоизи Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ва дар соли 2022 ба маблағи 2410,9 млн. сомонӣ пешбинӣ гардидааст, ки 7,6 фоизи ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатӣ ва 2,2 фоизи Маҷмӯи маҳсулоти дохилиро ташкил медиҳад.

## Хароҷоти соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ

Хароҷоти маблағҳои буҷетӣ барои соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ дар соли 2021 ба маблағи 4189,3 млн сомонӣ, ки он 14,4 фоизи ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатӣ ва 4,3 фоизи Маҷмӯи маҳсулоти дохилиро ташкил медиҳад, пешбинӣ шудааст. Дар соли 2022 хароҷоти мазкур дар ҳаҷми 4524,1 млн. сомонӣ ба нақша гирифта шудааст, ки он 14,4 фоизи ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатӣ ва 4,2 фоизи Маҷмӯи маҳсулоти дохилиро дар соли мазкур ташкил медиҳад.

## Хароҷоти соҳаи фарҳанг ва варзиш

Хароҷоти маблағҳои буҷетӣ барои соҳаи фарҳанг дар соли 2021 дар ҳаҷми 1294,1 млн сомонӣ пешбинӣ шудааст, ки он 4,4 фоизи ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатӣ ва 1,3 фоизи Маҷмӯи маҳсулоти дохилиро ташкил медиҳад. Дар соли 2022 хароҷот барои соҳаи мазкур дар ҳаҷми 1404,5 млн. сомонӣ ва ё баробар ба ба 4,4 фоизи ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатӣ ва 1,3 фоизи Маҷмӯи маҳсулоти дохилии соли мазкурро ташкил медиҳад.

## Дастгирии рушди соҳаҳои иқтисодиёт

Ҳаҷми умумии хароҷот маблағҳои буҷетӣ барои соҳаҳои иқтисодиёт дар соли 2021-ум 9209,7 млн. сомонӣ пешбинӣ шудааст, ки он 31,6 фоизи ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатиро ташкил дода ба 9,4 фоизи Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ баробар мебошад. Нишондиҳандаи мазкур барои соли 2022 дар ҳаҷми 9747,8 млн сомонӣ ва ё баробар ба 30,9 фоизи ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатӣ ва 9,0 фоизи Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ баҳодиҳӣ шудааст.

Дар соли 2021 ҳаҷми умумии хароҷот барои соҳаи нақлиёт ва коммуникатсия 2004,1 млн. сомонӣ ва дар соли 2022 ба маблағи 2580,9 млн. сомонӣ, инчунин хароҷот барои соҳаи комплекси сӯзишворӣ ва энергетика дар соли 2021 ба маблағи 5005,6 млн. сомонӣ ва дар соли 2022 ба маблағи 4680,8 млн сомонӣ ба нақша гирифта шудааст.

Дар буҷети давлатӣ барои соли 2021 хароҷоти комплекси агросаноатӣ дар маҷмӯъ дар ҳаҷми 993,1 млн сомонӣ ва дар соли 2022 ба маблағи 1208,9 млн. сомонӣ пешбинӣ шудааст.

## Хароҷоти хизматрасонии қарзи давлатӣ

Дар соли 2021 барои хизматрасонии қарзи берунаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2256,2 млн сомонӣ, аз ҷумла пардохти қарзи асосӣ 1427,1 млн сомонӣ ва пардохти фоизи қарз 829,1 млн сомонӣ ва дар соли 2022 ба ҳамин мақсад 2405,2 млн сомонӣ, аз ҷумла пардохти қарзи асосӣ 1583,1 млн сомонӣ ва пардохти фоизи қарз 822,1 млн сомонӣ ба нақша гирифта шудааст.

Барои хизматрасонии қарзи дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2021 ҳамагӣ 382,8 млн сомонӣ, аз ҷумла: аз ҳисоби буҷет 229,0 млн сомонӣ аз ҳисоби маблағҳои ғайритавозуни буҷет 153,8 млн сомонӣ ва дар соли 2022 ба ҳамин мақсад 224,8 млн сомонӣ, ки он аз ҳисоби буҷет пардохт мешавад, пешбинӣ гардидааст.

## Буҷетҳои маҳаллӣ

Дар соли 2021 ҳаҷми умумии даромади буҷетҳои маҳаллӣ ба маблағи 9156,5 млн сомонӣ ба нақша гирифта шудааст, ки ин нисбат ба буҷети соли 2020 ба андозаи 9,0 фоиз ё ба маблағи 735,5 млн сомонӣ зиёд мебошад.

Қисми хароҷоти буҷетҳои маҳаллӣ барои соли 2021 ба маблағи 7378,0 млн. сомонӣ пешбинӣ карда шудааст, ки нисбат ба буҷети соли 2020 ба андозаи 1,0 фоиз ё ба маблағи 70,9 млн. сомонӣ зиёд мебошад.

Дар соли 2022 ҳаҷми умумии даромади буҷетҳои маҳаллӣ ба маблағи 10445,2 млн. сомонӣ ба нақша гирифта шудааст, ки ин нисбат ба буҷети соли 2021 ба андозаи 14,1 фоиз ё ба маблағи 1288,7 млн. сомонӣ зиёд мебошад.

Қисми хароҷоти буҷетҳои маҳаллӣ барои соли 2022 ба маблағи 7620,8 млн сомонӣ пешбинӣ карда шудааст, ки нисбат ба буҷети соли 2021 ба андозаи 3,3 фоиз ё ба маблағи 242,8 млн сомонӣ зиёд мебошад.

## Касри буҷет

Касри буҷет дар соли 2021 ба андозаи 0,5 фоизи Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ дар ҳаҷми 490,1 млн сомонӣ ва дар соли 2022 ба андозаи 0,5 фоизи Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба маблағи 539,0 млн сомонӣ ба нақша гирифта шудааст. Манбаъҳои пӯшонидани он аз ҳисоби хусусигардонии моликияти давлатӣ, фурӯши коғазҳои қимматноки давлатӣ дар бозорҳои молиявӣ, ҷалби маблағҳои грантии барномавӣ аз созмонҳои байналмилалии молиявӣ ва иҷрои барзиёди нақшаи қисми даромади буҷети давлатӣ пешбинӣ шудааст.

Бояд қайд намуд, ки даромаду хароҷоти буҷети давлатӣ барои солҳои 2021-2022 нишондиҳандаҳои назоратӣ буда, дар доираи онҳо бояд мақомоти идоракунии давлатӣ, барномаҳои амалкунандаи соҳавӣ ва барномаҳои нави пешниҳодшударо тарҳрезӣ намоянд.

Дар баробари ин мувофиқи тағйирёбии нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ва рушди соҳаҳои иқтисодиёт, тибқи талаботҳои моддаи 36 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатӣ», нишондиҳандаҳои даромад ва хароҷоти он бори дигар аниқ карда мешаванд.